Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «_05_» _10_ соли 2022, №18-ф

Фармоиш

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «_05_» _10_соли 2022, №498-а

Қарор

070.030.010.

Дар бораи меъёрҳои
арзёбии дараҷаи хавфҳо

Мутобиқи қисми 1 моддаи 83 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ (ҚАРОР МЕКУНАМ):

1. Меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1, 2 ва 3).

2. Меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо, ки тибқи замимаҳои фармоиши мазкур дар доираи маълумоти барномаи системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз, эъломияҳо (ҳисоботҳо)-и андози пешниҳоднамудаи андозсупорандагон (агентҳои андоз), инчунин маълумоти аз мақомоти ваколатдор мураттаб карда шуда, тибқи онҳо дараҷаи хавфи фаъолияти андозсупоранда аз рӯйи барномаи махсус арзёбӣ карда шавад.

3. Дараҷаи хавф барои андозсупорандагон, аз ҷумла барои соҳибкорони хурд, миёна ва калон, аз рӯйи арзёбии дараҷаҳои ҷудогонаи хавф ҳамчун баланд, миёна ва паст муайян карда шавад.

4. Гурӯҳи андозсупорандагони дорои хавфи баланд набояд аз 10 фоизи шумораи умумии андозсупорандагоне, ки дар онҳо хавф ҷой дорад, зиёд бошад.

5. Фармоиш (қарор)-и мазкур пас аз мувофиқаи якҷоя ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

6. Фармоиш (қарор)-и мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

7. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиш (қарор)-и мазкур чораҷӯӣ намояд.

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ соли 2022, №18-ф ва
қарори раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ 2022, №498-а

Меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо барои соҳибкорони хурд

| № | **Номгӯйи нишондиҳандаҳо оид ба мониторинг ва назорати сатҳи хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз** | **Дараҷаи хавф (бо бал)** |
|---|---|---|
| 1 | Паст будани нишондиҳандаи вазни қиёсии андозҳои ҳисобшуда нисбат ба даромади умумии андозсупоранда аз рӯйи нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **30** |
| 2 | Паст будани нишондиҳандаи музди меҳнати миёна (20 фоиз) ба як корманд нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи миёна дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 3 | Паст будани дараҷаи даромаднокӣ (зиёда аз 30 фоиз) нисбат ба сатҳи даромаднокӣ дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 4 | Пешниҳод накардани тавзеҳоти асоснок ва ё эъломияҳои андоз аз натиҷаи назорати камералӣ ва дигар шаклҳои назорати андозӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда | **90** |
| 5 | Пешниҳод накардани эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дар се ва ё зиёда давраҳои ҳисоботӣ | **40** |
| 6 | Пешниҳод накардан ва ё нопурра дар эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дарҷ намудани маълумот оид ба имтиёзҳои истифодашуда | **25** |
| 7 | Ба андозаи 30 фоиз ҷой доштани тафовути маълумоти аз дигар мақомот ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дастрасшуда нисбат ба нишондиҳандаҳои эъломияҳо (ҳисоботи)-и андоз | **50** |
| 8 | Ҳаракатҳои наздикшавӣ ба нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз барои гузариш аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андозбандӣ | **20** |
| 9 | Як хел нишон додани даромади умумӣ дар се ва ё зиёда давраҳои пай дар пайи ҳисоботӣ (агар фаъолияти субъекти таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода нашуда бошад) | **20** |
| 10 | Надоштани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди молҳо ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ | **40** |
| 11 | Бо андозсупорандагони фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надошта ба расмият даровардани амалиёти хариди молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ | **60** |
| 12 | Дар суроғаи ҳуқуқӣ (тибқи феҳристи ягонаи давлатӣ) қарор надоштани андозсупоранда, тибқи гузоришҳои воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз | **65** |
| 13 | Ба роҳ намондани ҳисобдории муҳосибӣ, тибқи гузоришҳои | **30** |

| | | |
|---|---|---|
| | мувофиқашудаи асоснок  аз натиҷаи корҳои назоратӣ | |
| 14 | Анҷом додани амалиётҳои таҳвили молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои интернет (мағозаҳои интернетӣ) бе қайд дар мақомоти андоз | **80** |
| 15 | Риоя накардани натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар эъломияҳои андоз дар давраҳои ҳисоботӣ | **60** |
| 16 | Надоштани дастгоҳӣ назоратӣ - хазинавӣ ҳангоми амалӣ намудани  ҳисоббаробаркуниҳо | **35** |

**Эзоҳ:** Бо мақсади татбиқи системаи идоракунии хавфҳо ва аз рӯйи меъёрҳои баҳо додани дараҷаи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон муайянгардида, дар модули барномавии системаи идоракунии хавфҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ вобаста аз дараҷаи хавф муқаррар карда шаванд:

- 1-49 бал, сатҳи хавфи паст (ранги – сабз);
- 50-70 бал, сатҳи хавфи миёна (ранги – зард);
- 71-100 бал, сатҳи хавфи баланд (ранги – сурх).

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ соли 2022, №18-ф ва
қарори раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ 2022, №498-а

Меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо барои соҳибкорони миёна

| № | **Номгӯйи нишондиҳандаҳо оид ба мониторинг ва назорати сатҳи хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз** | **Дараҷаи хавф (бо бал)** |
|---|---|---|
| 1 | Паст будани нишондиҳандаи вазни қиёсии андозҳои ҳисобшуда нисбат ба даромади умумии андозсупоранда аз рӯйи нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **75** |
| 2 | Паст будани нишондиҳандаи музди меҳнати миёна (20 фоиз) ба як корманд нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи миёна дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 3 | Паст будани дараҷаи даромаднокӣ (зиёда аз 30 фоиз) нисбат ба сатҳи даромаднокӣ дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 4 | Пешниҳод накардани тавзеҳоти асоснок ва ё эъломияҳои андоз аз натиҷаи назорати камералӣ ва дигар шаклҳои назорати андозӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда | **90** |
| 5 | Пешниҳод накардани эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дар се ва зиёда давраҳои ҳисоботӣ | **40** |
| 6 | Пешниҳод накардан ва ё нопурра дар эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дарҷ намудани маълумот оид ба имтиёзҳои истифодашуда | **25** |
| 7 | Ба андозаи 30 фоиз ҷой доштани тафовути маълумоти аз дигар мақомот ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дастрасшуда нисбат ба нишондиҳандаҳои эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз | **50** |
| 8 | Як хел нишон додани даромади умумӣ дар се ва ё зиёда давраҳои пай дар пайи ҳисоботӣ (агар фаъолияти субъекти таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода нашуда бошад) | **20** |
| 9 | Надоштани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди молҳо ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ | **50** |
| 10 | Ҳиссаи таҳвили молҳо (кор ва хизматрасонӣ) бо роҳи таҳияи ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, дар моҳи ҳисоботӣ камтар аз 30 фоиз даромади умумиро ташкил намуда бошад, ҳангоми амалиёти яклухт | **40** |
| 11 | Бо андозсупорандагони фаъолияташон моҳияти иқтисодӣ надошта ба расмият даровардани амалиёти хариди молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ | **80** |
| 12 | Анҷом додани амалиётҳои андозбандишаванда бо ширкатҳои дар минтақаҳои оффшорӣ ба қайд гирифташуда | **30** |

| | | |
|---|---|---|
| 13 | Дар суроғаи ҳуқуқӣ (тибқи феҳристи ягонаи давлатӣ) қарор надоштани андозсупоранда, тибқи гузоришҳои воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз | **30** |
| 14 | Ба роҳ намондани ҳисобдории муҳосибӣ, тибқи гузоришҳои мувофиқашудаи асоснок аз натиҷаи корҳои назоратӣ | **30** |
| 15 | Анҷом додани амалиётҳои таҳвили молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути шабакаҳои интернет (мағозаҳои интернетӣ) бе қайд дар мақомоти андоз | **85** |
| 16 | Риоя накардани натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар эъломияҳои андоз дар давраҳои ҳисоботӣ | **60** |
| 17 | Надоштани дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо | **35** |

**Эзоҳ:** Бо мақсади татбиқи системаи идоракунии хавфҳо ва аз рӯйи меъёрҳои баҳо додани дараҷаи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон муайянгардида, дар модули барномавии системаи идоракунии хавфҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ вобаста аз дараҷаи хавф муқаррар карда шаванд:

- 1-49 бал, сатҳи хавфи паст (ранги – сабз);
- 50-70 бал, сатҳи хавфи миёна (ранги – зард);
- 71-100 бал, сатҳи хавфи баланд (ранги – сурх).

Замимаи 3
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ соли 2022, №18-ф ва
қарори раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_05_» _10_ 2022, №498-а

Меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфҳо барои соҳибкорони калон

| № | Номгӯйи нишондиҳандаҳо оид ба мониторинг ва назорати сатҳи хавфҳои қонунвайронкуниҳои андоз | Дараҷаи хавф (бо бал) |
|---|---|---|
| 1 | Паст будани нишондиҳандаи вазни қиёсии андозҳои ҳисобшуда нисбат ба даромади умумии андозсупоранда аз рӯйи нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **75** |
| 2 | Паст будани нишондиҳандаи музди меҳнати миёна (20 фоиз) ба як корманд нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи миёна дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 3 | Паст будани дараҷаи даромаднокӣ (зиёда аз 30 фоиз) нисбат ба сатҳи даромаднокӣ дар соҳаи фаъолият вобаста ба минтақаҳои фаъолият | **45** |
| 4 | Пешниҳод накардани тавзеҳоти асоснок ва ё эъломияҳои андоз аз натиҷаи назорати камералӣ ва дигар шаклҳои назорати андозӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда | **90** |
| 5 | Пешниҳод накардани эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дар се ва зиёда давраҳои ҳисоботӣ | **40** |
| 6 | Пешниҳод накардан ва ё нопурра дар эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз дарҷ намудани маълумот оид ба имтиёзҳои истифодашуда | **25** |
| 7 | Ба андози 30 фоиз ҷой доштани тафовути маълумоти аз дигар мақомот ва муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дастрасшуда нисбат ба нишондиҳандаҳои эъломияҳо (ҳисобот)-и андоз | **50** |
| 8 | Як хел нишон додани даромади умумӣ дар се ва ё зиёда давраҳои пай дар пайи ҳисоботӣ (агар фаъолияти субъекти таҳти муоинаи хронометражӣ қарор дода нашуда бошад) | **35** |
| 9 | Надоштани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди молҳо ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ | **50** |
| 10 | Ҳиссаи таҳвили молҳо (кор ва хизматрасонӣ) бо роҳи таҳияи ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, дар моҳи ҳисоботӣ камтар аз 30 фоиз даромади умумиро ташкил намуда бошад, ҳангоми амалиёти яклухт | **40** |
| 11 | Зиёда аз 30% фарқ намудани нархи таҳвили молҳои (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) андозсупоранда аз нархҳои бозор (трансферт)-ӣ | **45** |

| | | |
|---|---|---|
| 12 | Бо андозсупорандагони фаъолияташон аҳамияти иқтисодӣ надошта ба расмият даровардани амалиёти хариди молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ | **80** |
| 13 | Анҷом додани амалиётҳои андозбандишаванда бо ширкатҳои дар минтақаҳои оффшорӣ ба қайд гирифташуда | **30** |
| 14 | Дар суроғаи ҳуқуқӣ (тибқи феҳристи ягонаи давлатӣ) қарор надоштани андозсупоранда, тибқи гузоришҳои воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз | **30** |
| 15 | Ба роҳ намондани ҳисобдории муҳосибӣ, тибқи гузоришҳои мувофиқашудаи асоснок аз натиҷаи корҳои назоратӣ | **30** |
| 16 | Риоя накардани натиҷаи муоинаи хронометражӣ дар эъломияҳои андоз дар давраҳои ҳисоботӣ | **50** |
| 17 | Надоштани дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо | **35** |

**Эзоҳ:** Бо мақсади татбиқи системаи идоракунии хавфҳо ва аз рӯйи меъёрҳои баҳо додани дараҷаи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон муайянгардида, дар модули барномавии системаи идоракунии хавфҳо меъёрҳои зерини баҳодиҳӣ вобаста аз дараҷаи хавф муқаррар карда шаванд:

- 1-49 бал, сатҳи хавфи паст (ранги – сабз);
- 50-70 бал, сатҳи хавфи миёна (ранги – зард);
- 71-100 бал, сатҳи хавфи баланд (ранги – сурх).

7. Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2020, №45 «Оид ба системаи баҳисобгирии хавфҳо» аз эътибор соқит дониста шавад.

| | |
|---|---|
| Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Нусратулло Давлатзода | Саъдӣ Қодирзода |
| ______________ (имзо ва мухр) | ________________ (имзо ва мухр) |